# Шарҳи моҳонаи таваррум • ИЮЛ 2025

**Дар моҳи июли соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта -0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

## Таварруми хӯрокворӣ

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 0,3 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 фоиз) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи бодиринг 20,9 фоиз, карам 15,9 фоиз, лиму 14,1 фоиз, пиёз 7,4 фоиз, тухм 2,6 фоиз, гӯшти гов 1,8 фоиз, тушбера 1,8 фоиз ва ғайра ба амал омад.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи қаламфури булғорӣ 31,0 фоиз, ангур 20,7 фоиз, помидор 16,0 фоиз, себ 7,7 фоиз, сабзӣ 5,8 фоиз, харбуза 4,5 фоиз ва ғайра ба назар расид.

## Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад дар ин моҳ раванди коҳишёбӣ дошта, -0,1 фоизро (бо саҳми ночиз) ташкил намуд. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби арзоншавии нархи гази моеъ 11,4 фоиз, семент 1,4 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 0,6 фоиз, бензин (АИ 92) 0,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ дар моҳи баррасишаванда раванди болоравӣ дошта, 0,1 фоизро ташкил намуд (бо саҳми ночиз). Болоравии мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии хизматрасониҳои шустушӯи қолинҳо 2,2 фоиз, сартарошхонаҳо 2,1 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 0,2 фоиз ва иҷораи хона 0,1 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи июли соли ҷорӣ 3,5 фоизро ташкил намуд, ки дар**

**Таварруми моҳона ва солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар моҳи июли 2025, бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 б.ф. зиёд мебошад.**

Дар моҳи июли соли 2025 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 33,5 фоиз, Қазоқистон 11,8 фоиз, Ӯзбекистон 8,9 фоиз, Россия 8,8 фоиз, Беларус 7,4 фоиз, Гурҷистон 4,3 фоиз ва Арманистон 3,4 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,3 фоиз буда, бо арзёбии солона ба 0,7 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум минбаъд низ идома медиҳад.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | | | Июл, тағйирёбии моҳона бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Июн | Фев | Мар | Апр | Май | Июн | Июл | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,8** | **3,6** | **3,5** | **0,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,6** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **3,0** | **3,6** | **4,1** | **4,5** | **0,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -4,7 | -5,9 | -5,7 | -5,1 | 1,1 |
| Биринҷ | 1,7 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 1,6 | 0,5 | 0,7 | -0,8 | -0,7 |
| Орд | 3,8 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -11,7 | -13,2 | -13,2 | -13,0 | 0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,9 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 15,1 | 15,3 | 15,1 | 14,1 | 1,4 |
| Гӯшти гов | 3,1 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 24,2 | 25,1 | 25,0 | 23,2 | 1,8 |
| Тухм | 1,5 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 9,7 | 16,9 | 22,1 | 26,0 | 2,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 5,1 | 5,9 | 5,6 | 4,2 | 0,6 |
| Шир | 0,7 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 10,4 | 11,3 | 10,5 | 11,1 | 0,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,7 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 16,5 | 19,0 | 15,0 | 12,2 | -0,7 |
| Меваҷот | 2,4 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | -9,6 | -11,9 | -15,4 | -10,3 | -4,4 |
| Сабзавот | 7,1 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 9,9 | 17,7 | 24,1 | 23,2 | -0,8 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -8,4 | -8,8 | -8,1 | -8,8 | 0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,5 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **7,4** | **10,5** | **13,1** | **13,7** | **0,2** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **0,8** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **9,4** | **8,4** | **7,9** | **5,7** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **38,4** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **3,6** | **3,3** | **2,3** | **1,7** | **-0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,8 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,7 | 1,2 | 1,4 | 1,8 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,7 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 0,4 |
| Мавoди шустушӯй | 1,1 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -1,9 | -2,8 | -2,6 | -1,8 | 0,3 |
| Доруворӣ | 1,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,1 | 6,9 | 2,9 | 2,9 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,7 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -1,0 | -1,3 | -3,6 | -13,4 | -4,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,9 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 4,8 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1,7 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 1,6 | 0,7 | 0,7 | 0,9 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **13,0** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **5,2** | **5,2** | **4,2** | **4,1** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,2 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 8,3 | 8,2 | 7,8 | 6,7 | -0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,7 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 7,8 | 6,7 | 6,8 | 6,8 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,6 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,0 | 15,0 | 14,1 | 14,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | 0,5 | 1,9 | 0,3 | -16,6 | -5,9 |
| Нақлиёт | 2,3 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 1,5 | 1,7 | 1,4 | 1,0 | -0,2 |
| Алоқа | 1,5 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 0,0 |
| Маориф | 0,7 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -3,0 | -3,0 | -3,0 | -3,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,0 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 5,1 | 5,1 | 2,6 | 3,8 | 1,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо